# КУМИТАИ ДАВЛАТИИ ИДОРАИ ЗАМИН ВА ГЕОДЕЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОР

аз «19» 01 2022 сол. № 10 ш.Душанбе

Дар бораи тасдиқ намудани Нархномаҳо барои пешниҳод намудани иттилоот аз феҳристи ягонаи давлатии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он, додани машваратҳои ҳуқуқӣ оид ба анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирӣ, нусхабардории ҳуҷҷатҳо, дигар хизматрасонии ҳуқуқӣ ва техникии ба бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳои ба он алоқаманд

Мутобиқи сархати чордаҳуми моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он"

**ҚАРОР МЕКУНАМ:**

1. Нархномаҳо барои пешниҳод намудани иттилоот аз феҳристи ягонаи давлатии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он, додани машваратҳои ҳуқуқӣ оид ба анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирӣ, нусхабардории ҳуҷҷатҳо, дигар хизматрасонии ҳуқуқӣ ва техникии бо бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳои ба он алоқаманд тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Қарори мазкур бо тартиби муқарраргардида ба Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати мувофиқа намудан пешниҳод карда шавад.
3. Қарори мазкур баъд аз мувофиқа намудан бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор дода шавад.
4. Қарори раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2016, №24 "Дар бораи тасдиқ намудани Нархномаҳо барои пешниҳод намудани иттилоот аз феҳристи ягонаи давлатии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он, додани машваратҳои ҳуқуқӣ оид ба анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирӣ, нусхабардории ҳуҷҷатҳо, дигар хизматрасонии ҳуқуқӣ ва техникии бо бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳои ба он алоқаманд" аз эътибор соқит дониста шавад.
5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини якум ва муовинони раис гузошта шавад.

Раис Хоҷазода О. А.

**ХАДАМОТИ**
**ЗИДДИИНҲИСОРИИ НАЗДИ**
**ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734033, ш. Душанбе, кӯчаи Лоҳутӣ 24, телефон: (992-372) 223-10-08, 223-07-28, 2121
факс: (992-372) 227-78-82, email: info@ams.tj, сайт: www.ams.tj

№02-07.3/334 аз «19» марта соли 2022
№2/22-1085(9.35) аз 15 марти соли 2022

Ба Абдуллозода З. 31.03.22с
Умариён Р.Ф.
барои корбарӣ
30.03.22.

Ба Шарифзода С.Н.
рушноӣ
01.04.22.

Кумитаи давлатии идораи замин
ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нархномаҳо барои пешниҳод намудани иттилоот аз феҳристи ягонаи давлатии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он, додани машваратҳои ҳуқуқӣ оид ба анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирӣ, нусхабардории ҳуҷҷатҳо, дигар хизматрасонии ҳуқуқӣ ва техникии бо бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳои ба он алоқамандро ҷиҳати истифода дар фаъолият пешниҳод менамояд.

Муовини якуми
Сардори Хадамот С. Қурбонзода

КУМИТАИ ДАВЛАТИИ ИДОРАИ ЗАМИН
ВА ГЕОДЕЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МУРОСИЛОТИ ВОРИД
№ 864 30 03 с.2022

Раёсати ҳимоя ва рушди рақобат
тел: 223 07 69

Бо қарори Раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 январи соли 2022, тахти №10 тасдиқ карда шудааст

Бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуд

***Б О Б И   I***

***Нархномаҳо***
***барои пешниҳод намудани иттилоот аз феҳристи ягонаи давлатии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он, додани машваратҳои ҳуқуқӣ оид ба анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирӣ, нусхабардории ҳуҷҷатҳо, дигар хизматрасонии ҳуқуқии бо бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳои ба он алоқаманд***

# МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Нархномаҳо барои пешниҳод намудани иттилоот аз феҳристи ягонаи давлатии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он, додани машваратҳои ҳуқуқӣ оид ба анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирӣ, нусхабардории ҳуҷҷатҳо, дигар хизматрасонии ҳуқуқии бо бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳои ба он алоқаманд (боби 1) дар асоси дархости шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тибқи талаботи моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» ва банди 4 «Низомномаи Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шуда, дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор мегирад.

2. Тартиби гузаронидани амалиёти бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

3. Ҳангоми берун аз биноя ташкилоти бақайдгирии давлатӣ қабул намудани ҳуҷҷатҳое, ки барои анҷом додани бақайдгирии давлатӣ тибқи ҳолатҳо ва тартиби муқаррарнамудаи ташкилоти ҷумҳуриявии бақайдгирии давлатӣ пешниҳод мегарданд, коэффитсиенти афзункунандаи 1,15 истифода бурда мешавад.

4. Нархнома барои додани Иқтибос аз варақаи бақайдгирӣ барои бегона намудани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар асоси Нархнома барои додани Иқтибос аз варақаи бақайдгирӣ бо истифода намудани коэффитсиенти камкунандаи 0,8 амалӣ карда мешавад.

5. Дар нархнома маблағи бланкаҳои ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқ ба инобат гирифта нашудааст.

6. Дар ҳолати мавҷуд будани якчанд соҳибҳуқуқ ва (ё) заминистифодабаранда ва ворид намудани тағйиротҳо ба нишондиҳандаҳои ҳиссаи ширкат дар хонаҳои умумӣ ва (ё) дар саҳми замин ба Нархномаи мазкур барои ҳар як заминистифодабаранда ё саҳмдор дар алоҳидагӣ маблағи 8,0 сомонӣ барои шиносоӣ ба ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунанда ва тасдиқкунандаи соҳибҳуқуқон ва (ё) заминистифодабарандагон, 2,0 сомонӣ барои ворид намудани тағирот ба нишондоди саҳм дар ҳиссаи моликияти умумӣ ё номи соҳибҳуқуқ ва 4,0 сомонӣ барои ҳар як соҳибҳуқуқ ё саҳмдори иловагӣ дар мавриди тайёр намудан ва пешниҳоди иттилоот аз феҳристи ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он ҳангоми мавҷуд будани ду ва ё зиёда ҳаммолик илова карда мешавад.

7. Дар мавриди гузоштани рақами кадастрӣ ба объекти молу мулки ғайриманқул ва сабти он дар ҳуҷҷатҳои феҳристи ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он ба Нархномаи мазкур маблағи

барои як объекти молу мулки ғайриманқул 5,0 сомонӣ илова карда мешавад.

8. Барои ба тариқи фаврӣ дар давоми 8 соати корӣ иҷро намудани амалиётҳои дар боби 1-и Нархномаи мазкур дарҷгардида бо қабули коэффитсиенти афзункунандаи К-2,0 амалӣ карда мешавад.

9. Дар ҳолати масоҳати биноҳо аз 100 м2 зиёд будан ба Нархномаи мазкур маблағи 2,0 сомонӣ барои ҳар як 100 $м^2$-и иловагӣ ҳисоб карда мешавад.

10. Нархнома барои хизматрасонии иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, шахсони ба онҳо баробаркардашуда, маъюбони гурӯҳи 1, 2 ва иштирокчиёни воқеаҳои Чернобил 50 ва ба оилаҳои камбизоат 30 фоиз тахфиф муқаррар карда мешавад.

11. Нархнома барои анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирӣ ва дигар хизматрасониҳои ҳуқуқии бо бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳои ба он алоқаманд ба шахсони ҳуқуқии аз ҳисоби буҷаи давлат маблағгузоришаванда, инчунин оромгоҳҳо, масҷидҳо, ташкилоту муассисаҳои динӣ ва дигар ҷойҳои ҷамъиятии барои истифодаи аҳолӣ пешбинишуда ба Нархномаи шахсони воқеӣ баробар ҳисоб карда мешавад.

12. Барои осон намудани пардохти маблағи хизматрасониҳо иҷозат дода мешавад, ки дирам то сомонӣ яклухт карда шавад.

Бо қарори Раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 январи соли 2022, таҳти №10 тасдиқ карда шудааст

Бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуд

**Нархномаҳо**
**барои пешниҳод намудани иттилоот аз феҳристи ягонаи давлатии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он, додани машваратҳои ҳуқуқӣ оид ба анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирӣ, нусхабардории ҳуҷҷатҳо, дигар хизматрасониҳои ҳуқуқии бо бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳои ба он алоқаманд**

| № т/т | Номгӯи нархномаҳо хизматрасониҳо | Воҳиди ченак | Ҳаққи пардохт (бе назардошти андоз аз арзиши иловашуда) |
|---|---|---|---|
| 1 | Нархнома барои бақайдгирии давлатии ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин:<br>- шахсони воқеӣ<br>- шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ | сомонӣ<br>сомонӣ | 70,0<br>86,0 |
| 2 | Нархнома барои бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ба бинои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ, иншоот ва объектҳои сохтмонии нотамом ва бинои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматии ҷудогона:<br>- шахсони воқеӣ<br>- шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ | сомонӣ<br>сомонӣ | 72,0<br>89,0 |
| 3 | Нархнома барои бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ба қитъаи замин, бинои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ, иншоот ва объектҳои сохтмонии нотамом ва бинои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматии ҷудогона:<br>- шахсони воқеӣ<br>- шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию | сомонӣ<br>сомонӣ | 122,0<br>150,0 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | ҳуқуқии хориҷӣ | | |
| 4 | Нархнома барои додани Иқтибос аз варақаи бақайдгирӣ:<br>- шахсони воқеӣ<br>- шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ | сомонӣ<br>сомонӣ | 130,0<br>160,0 |
| 5 | Нархнома барои бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ба бинои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ, иншоот ва объектҳои сохтмонии нотамом, бинои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматии ҷудогона бо додани Иқтибос аз варақаи бақайдгирӣ:<br>- шахсони воқеӣ<br>- шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ | сомонӣ<br>сомонӣ | 169,0<br>208,0 |
| 6 | Нархнома барои бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ба қитъаи замин, бинои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ, иншоот ва объектҳои сохтмонии нотамом, бинои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматии ҷудогона бо додани Иқтибос аз варақаи бақайдгирӣ:<br>- шахсони воқеӣ<br>- шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ | сомонӣ<br>сомонӣ | 213,0<br>262,0 |
| 7 | Нархнома барои бақайдгирии давлатии маҳдудияти (гаронии) ҳуқуқ:<br>- шахсони воқеӣ<br>- шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ | сомонӣ<br>сомонӣ | 55,0<br>67,0 |
| 8 | Нархнома барои бақайдгирии давлатии қатъи мавҷудияти молу мулки ғайриманқул ва қатъи маҳдудияти (гаронии) ҳуқуқ:<br>- шахсони воқеӣ<br>- шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ | сомонӣ<br>сомонӣ | 55,0<br>67,0 |
| 9 | Нархнома барои додани иттилоот аз феҳристи ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он:<br>- шахсони воқеӣ<br>- шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ | сомонӣ<br>сомонӣ | 37,0<br>45,0 |

КУМИТАИ ДАВЛАТИИ ИДОРАИ ЗАМИН ВА ГЕОДЕЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ХАДАМОТИ ЗИДДИИНҲИСОРИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

| | | | |
|---|---|---|---|
| 10 | Нархнома барои иваз намудан, аз эътибор соқит намудан ва такроран додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҳуқуқ:<br>- шахсони воқеӣ<br>- шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ | <br><br><br><br>сомонӣ<br>сомонӣ | <br><br><br><br>52,0<br>65,0 |
| 11 | Нархнома барои додани иттилоот нисбати арзиши молу мулки ғайриманқул ва доштан ё надоштани молу мулки ғайриманқул:<br>- шахсони воқеӣ<br>- шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ | <br><br><br><br>сомонӣ<br>сомонӣ | <br><br><br><br>52,0<br>65,0 |
| 12 | Нархнома барои додани машваратҳои ҳуқуқӣ оид ба бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он:<br>- шахсони воқеӣ<br>- шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ | <br><br><br>сомонӣ<br>сомонӣ | <br><br><br>52,0<br>65,0 |
| 13 | Нархнома барои додани нусхаи ҳуҷҷатҳо аз парвандаи бақайдгирӣ тибқи муроҷиати соҳибҳуқуқ ё довталаби соҳибҳуқуқ барои нусхаи як саҳифаи ҳуҷҷат дар формати:<br>- А4<br>- А3<br>Барои нусхаи ҳар як саҳифаи иловагӣ дар формати:<br>- А4<br>- А3 | <br><br><br><br><br>сомонӣ<br>сомонӣ<br><br><br>сомонӣ<br>сомонӣ | <br><br><br><br><br>1,30<br>2,60<br><br><br>0,65<br>1,30 |